# Қарори
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

15 июни соли 2024, № 75 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи “Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), тақризи роҳбари илмӣ – д.и.и., дотсент Низомов С.Ф., тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд) Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич ва номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳосиби ҶДММ «ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон» (ш. Душанбе) Розиев Дилшод Астанақулович, баромади мутахассисон аз руйи тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Калемуллоев М.В., д.и.и., профессор Шарифов З.Р. ва д.и.и., профессор Собирзода Н.М. - ро шунида ва муҳокима намуда, шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур.

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи “Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Каримиён Мадинаи Баҳодур дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит *(6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) дода шавад;*

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори шурои диссертатсиониро

ҷонибдорӣ намояд ва Каримиён Мадинаи Баҳодурро бо дипломи доктори PhD – доктор аз рӯйи ихтисос сарфароз намояд.

Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Зид? - нест, бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

Иҷозат диҳед докторанти PhD-ро бо ҳимояи бомуваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шурои диссертатсионӣ барои кори пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шуро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

15.06.2024